*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017–и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,(бо суроғаи 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, иизомҳо ва комплексҳо) пешкаш карда шудааст**

Айни замон дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ба усулҳои гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук диққати махсус дода мешавад, ки ба ин васила имконияти фаъолшавии он дар шароити рақобати шадид меафзояд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин хусусиятҳо, яъне таъсири муҳити беруна ва дохилӣ ба фаъолияти корхонаҳои саноати сабук барои корхона зарур аст, то: баҳодиҳии афзалиятҳои рақобатӣ, ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи рақибон амали карда шавад; тахлили давраи ҳаёти махсулоти худ гузаронида шавад; маҷмӯи тадбирҳое, ки барои коркарди стратегияи рақобати корхонаҳои саноати сабук дар бозорхои дохилӣ ва берунӣ пешбини шудаанд, кор карда шаванд. Рақобатпазирӣ дар доираи шаклҳои гуногуни муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд меояд, тафовути молу хизматрасонии субъектҳои гуногуни бозор ва дараҷаи онҳоро инъикос менамояд. Ҳамаи ин муҳимият ва аҳамияти амалии мавзӯи тадқиқотро муайян мекунад.

Аз ҷониби муаллиф нақшаи раванди мутобиқсозии корхонаи саноати сабук ба шароити бозор таҳия гардида, дар асоси он консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст, ки дорои: қобилияти ташаккул ва таснифи ҳадафҳо ва стратегияҳои рушди корхонаҳои саноати сабук мутобиқи сатҳи ба даст овардашудаи рақобатпазирӣ; арзёбии равишҳои муосири идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо; ташаккули механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо, аз ҷумла ҷузъҳое, ки тадбирҳои заруриро барои фаъолияти самараноки онҳо тавсиф мекунанд ва зуд ва саривақт татбиқи онҳо ба қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ дар корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти иқтисодӣ гурӯҳҳои зерини омилҳоеро муайян кардааст, ки ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсир мерасонанд: иқтидори захиравии корхона, сатҳи ғанигардонии бозор бо маҳсулоти ракобатпазир ва рушди

нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳо. Аниқ кардани ҷузъҳои таркибии иқтидори ракобатии корхонахои саноати сабук, ки ба истифодаи самарабахши иктидори захиравӣ ва вокуниши кофии он ба шароити ба муҳити беруна гузошташуда баҳо медиҳанд, ҷолибияти хосаро талаб менамояд.

Дар баробари афзалиятҳо дар автореферат баъзе камбудию норасоиҳо дида мешаванд.

1. Дар саҳ. 17-18 ҷузъҳои таркибии иқтидори стратегии корхонаҳои саноати сабук дида баромада шудаанд. Мутаасифона, дар автореферат таҳлили амиқи ҷузъҳои таркибии иқтидори стратегии корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст. Аммо масъалаҳои ҷорӣ намудани низомҳои пешкадами идоракунии сифат, стандартизация, метрология ва сертификатсияи онхо дида баромада нашудаанд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки автореферати диссертатсия, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Ҳамзамон, автореферати диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Мудири кафедраи «Иқтисодиёт ва
логистикаи нақлиётӣ»-и ДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ
д.и.и. и. в. профессор Ҳамроев Ф.М.

Имзои д.и.и., и.в. профессор Ҳамроев Ф.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШКваКМ ДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ Шарипова Д.А.

734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10.
Тел.: (992) 934103962; E-mail: fuzyil@mail.ru. www.ttu.tj